**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-005 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)**

**Тақризи**

**номзади илмҳои фалсафа, и.в. дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара Азизов Комил Ҷурахонович ба автореферати диссертатсияи Гулов Раҳмоналӣ Бобохонович дар мавзуи “Технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 - Сотсиология (6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ)**

Яке аз марҳилаҳои муҳими рушди ҳар як касб гузариш аз зинаи таълимӣ ба зинаи меҳнатӣ мебошад. Гузариш аз фаъолияти таълимӣ ба фаъолияти меҳнатӣ ҳамон вақт босамар хоҳад буд, ки агар мутахассиси ҷавон ҷойи кори муносиб, шароити созгор, маоши хуб ва имконияти худташаккулдиҳиву худвоқеъгардонӣ дар ҳаёт пайдо кунад. Ин ҳолат на танҳо ба худи мутахассиси ҷавон, балки барои кулли атрофиёни ӯ ва ҷомеа низ натиҷаи мусбат хоҳад дошт. Дар ҷомеаи муосир барои ҷойи кори муносиб ёфтан мушкилот хеле зиёд пеш омада, хусусан, сатҳи омодагии баъзе аз ҷавонони соҳибихтисос ба он мутобиқат намекунад.

Мақсади асосии рисолаи таҳқиқотиро дарёфти технологияҳои муносиби бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар бозори меҳнати ҷумҳурӣ ташкил додааст.

Барои амалисозии мақсадҳои асосӣ диссертант ҳалли масъалаҳо ва вазифаҳои гуногунро ҳадафи хеш қарор додааст. Аз ҷумла:

- шарҳу асоснокнамоии равишҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сотсиологии омӯзиши технологияҳои иҷтимоии шуғл, тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, бозори меҳнати ҷавонон, аз ҷумла, хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ;
- омӯзиши таҷрибаи кишварҳои рушдёфта дар самти омода намудани мутахассисони соҳаи касбӣ дар шароити тағйирёбии ҷомеаи муосир ва технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;
- ошкор намудани номувофиқии тахассуси қисме аз хатмкунандагони касбии соҳаи таҳсилот бо талаботи истеҳсолот ва дар натиҷа коҳиш ёфтани сатҳи шуғлмандӣ дар байни ҷавонони ихтисосманд;

- муайян кардани робита миёни хатмкунандагони муассисаҳои миёна ва олии касбӣ бо корфармоён:

- муайян намудан ва ба низом даровардани технологияҳои иҷтимоии муносиби мутобиқсозии мутахассисони ҷавон дар доираи касби интихобкарда;

- таҳлили масъалаҳои иҷтимоӣ ва ҷанбаҳои манфии бекорӣ дар байни ҷавонони ихтисосманд ва таъсири он ба сохтори иҷтимоии ҷомеа;

- пешниҳод намудани технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар бозори меҳнат (саҳ. 7).

Зимни таҳқиқоти рисолаи диссертатсионӣ, муаллиф сарчашамаҳои гуногуни илмиро мавриди омӯзиш қарор додааст. Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро таҳқиқоти сотсиологии дар кафедраи кори иҷтимоӣ ва сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаронидашуда, инчунин, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва далелҳои мансуб ба адабиёти илмии соҳа ташкил додааст. Коркард ва таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологии гузаронидашуда, ки дар онҳо методи сотсиологии пурсиши анкетавӣ истифода шудааст, тавассути коркарди оморӣ ва барномаҳои махсуси компютерӣ ба амал баровардa шудаанд.

Сохтори рисолаи таҳқиқотӣ аз муқаддима, ду боб бо фарогирии шаш зербоб, хулоса, руйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия “Асосҳои назариявӣ-методологии технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ” ном гирифтааст, ки дар он таҳлили технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбиро аз нуқтаи назари муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар боби дуюм “Бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон” мавриди баррасӣ қарор гирифта, таҳлили вазъияти хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар шароити бозори меҳнат, квотакунонии ҷойҳои корӣ дар самти бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони имконияти маҳдуддоштаи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва тарҳсозии системаи бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Муҳаққиқ вобаста ба мавзуи диссертатсионӣ 10 мақола, аз ҷумла, 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА - назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақолаи дигар дар маҷмуаҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ нашр намудааст, ки ба муҳтавои рисолаи диссертатсионӣ мувофиқат мекунанд.

Хулоса ва тавсияҳое, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод гаштаанд моҳияти бунёдӣ ва илмӣ дошта, истифодаи онҳо дар амалия аз манфиат холӣ нест.

Дар баробари дастовардҳои хуби илмӣ дар автореферати диссертатсия баъзан норасоиҳо ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар комил гардидани мазмуни автореферати диссертатсия мусоидат менамояд. Аз ҷумла, дар матнн чопии автореферат хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, инчунин дар хусуси тавсифи мафҳуми "шуғл" ба кадом назария ва ё консепсияи сотсиологӣ наздик будани мавқеи муаллифи рисола дар матни автореферат норавшан мондааст.

Новобаста аз чунин норасогиҳо онҳо наметавонанд арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро кам намоянд.

Автореферат ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгу буда, муаллифи диссертатсия Гулов Р.Б. ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 - Сотсиология (6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) сазовор мебошад.

Муқарриз: н.и.ф., и.в. дотсенти
кафедраи фанҳои гуманитарии
Доншггоҳи давлатии Данғара Азизов К.Ҷ.

Имзои н.и.ф.,и.в., дотсент
Азизов К.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлати Данғара Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА

07.02.24